**ТКБ 8Т1**
**DOI:10.51844-2077-4990-2022-4-114-119**

# МАДҲИЯСАРОӢ ҲАМЧУН МЕРОСИ ФАРҲАНГӢ ВА ИРТИБОТИ ОН БО ШЕЪРИ КЛАССИКИИ ТОҶИК

**Таваккалов Ҳайдармамад Султонмамадович,** *н.и.ф., дотсенти кафедраи адабиёти Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев (Тоҷикистон, Хоруғ)*

# ПАНЕГИРИЧЕСКОЕ ПЕНИЕ КАК КУЛЬТУРНОЕ НАСЛЕДИЕ И ЕГО СВЯЗЬ С ТАДЖИКСКОЙ КЛАССИЧЕСКОЙ ПОЭЗИЕЙ

**Таваккалов Хайдармамад Султонмамадович,** *к.ф.н., доцент кафедры литературы Хорогского государственного университета имени М. Назаршоева (Таджикистан, Хорог)*

# MUSICAL PRAISE AS A CULTURAL HERITAGE AND ITS RELATION TO CLASSICAL POETRY

**Tavakkalov Haydarmamad Sultonmamadovich,** *candidate of philological sciences, Associate Professor of the department of literature under Khorog State University named after M. Nazarshoev (Tajikistan, Khorog),* ***E-mail:*** *haydar 6060 @ mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *мадҳия, мадҳиясароӣ, шеъри классикӣ, адабиёти форсии тоҷикӣ, мероси фарҳангӣ, малакут, суннат, таҳамуллгароӣ, чандандешӣ, азо, ҳуввият, мусиқии рӯҳонӣ, мувозинат, лаҳн*

*Ҷаҳони муосир анъанаҳои фарҳангии халқҳои гуногунро, ки ба равобити фарҳангии маънавӣ асос ёфтааст, меомӯзад. Бояд ёдовар шуд, ки мардум ба суннатҳое, ки дорои арзишҳои миллӣ ва ахлоқӣ ҳастанд, дар ҳама давру замон эҳтиёҷ доштанд ва имрӯз ҳам онҳоро гиромӣ медоранд. Аз ин ҷиҳат дунёи имрӯз моро бо таҳаввулот ва тағйироташ водор менамояд, ки аз арзишҳои миллӣ бештар баҳра бигирем. Мадҳиясароӣ аз зумраи суннатҳои миллии маънавӣ ва фарҳангӣ маҳсуб мешавад, ки дар миёни мардуми Бадахшон паҳн гардидааст. Мадҳия, аслан дар нишасти шабҳои ҷумъа, истиқболу таҷлили ягон ҳодисаи муҳими ахлоқию мазҳабӣ, маҳфилҳои ифтитоҳи ҷойҳои муқаддас, ба ҷо овардани ёдбуди гузаштагон ва маросими мотам сароида мешавад ва он бо шеъри ноби адабиёти классикии форсии тоҷикӣ робитаи мустақим дорад. Дар мақолаи мулоҳизаҳои муҳим дар мавриди мавқеи мадҳиясароӣ дар ҳаёти руҳонӣ ва фарҳангии сокинони Бадахшон сухан рафта, алоқаи он бо шеъри классикии тоҷик тадқиқ ёфтааст. Таъкид шудааст, ки мазмун ва фасоҳати шеъри форсии тоҷикӣ яке аз сабабҳои тақвияти мавқеъ ва мақоми суннати мадҳиясароӣ дар миёни мардум гардидааст.*

***Ключевые слова:*** *восхваление, религиозно-панегирическое пение, классическая поэзия, персидско-таджикская литература, культурное наследие, мир верхний, традиция, толерантность, плюрализм, похороны, идентичность, духовная музыка, баланс, мелодия.*

*Современный мир изучает культурные традиции разных народов, в основе которых лежат духовные межкультурные взаимоотношения. Следует отметить, что на протяжении всей жизни люди стремились к соблюдению традиций, имеющих национальные и моральные ценности, которые почитаются и по сегодняшний день. В связи с этим, современный мир с его быстрой эволюцией и изменениями заставляет нас больше извлекать выгоду из наших национальных ценностей. В статье рассматривается панегирическое пение, являющееся одним из духовных и национальных культурных традиций жителей Бадахшана. Мадхия – духовная поэзия обычно исполняется на вечерних пятничных мероприятиях, чтобы приветствовать и отпраздновать важные морально-религиозные события: открытие святынь, почитание памяти умерших и их оплакивание и т.д. В данной статье автором выражаются важные соображения относительно места религиозно-панегирического песнопения в духовной и культурной жизни жителей Бадахшана, указывается на их связь с таджикской классической поэзией. Подчеркнуто, что содержание и красноречие таджикско-персидской поэзии стали одной из причин укрепления позиций и статуса традиции мадхия в народе.*

***Keywords:*** *revival, religious-panigric singing, classical poetry, Persian-Tajik literature, cultural heritage, upper world, tradition, tolerance, pluralism, funeral, identity, spiritual music, balance, melody*

*The modern world studies the cultural traditions of different peoples, which is based on spiritual intercultural relationships. It should be noted that throughout their lives, people have striven to observe traditions that have national and moral values, which are revered to this day. In this regard, the modern world with its rapid evolution and changes focused us to benefit more from our national values. Panagric*

*singing is one of the spiritual and national cultural traditions of the inhabitants of Badakhshan. Madhya-religious poetry is usually performed at Friday evening events to welcome and celebrate important moral-religious events: the opening of shrines, honoring the memory of the dead and mourning them, etc. In this article, the author expresses important considerations regarding the place of religious panagric chants in the spiritual and cultural life of the inhabitants of Badakhshan, points out their connection with Tajik classical poetry. It is emphasized that the content and eloquence of the Tajik-Persian poetry became one of the reasons for strengthening the position and status of the Madhya tradition among the people.*

Мусаллам аст, ки имрӯз тамоюли зиндагонӣ ба сӯйи ҷаҳонишавист ва дар рӯёрӯйи ин ҷаҳонишавӣ ва авҷи ҷомеаи шаҳрвандӣ суннатҳои миллӣ бояд мавқеи худро ҳамчун ҷавҳари ҳастии ҳар як миллат ва фарҳанг боз ҳам мустаҳкамтар созанд. Инчунин, ҷои зикр аст, ки суннатҳо ва маросимҳо бо ҳам меомезанд, ҳамдигррро пурра месозанд ва аз якдигар баҳра мегиранд. Дар ин ҷо месазад ба як андешаи донишманди Аврупо Азиз Исмоил муроҷиат кунем, ки чунин аст: «Дар дунёи имрӯз, ки дар он инсон на бо як суннат ё бо гурӯҳе аз суннатҳо, балки бо суннати бисёр рӯ ба рӯ аст, донистани ба кадом суннат бояд пайравӣ ҷӯяд ва онро гиромӣ бидорад, зарур аст. Суннатҳои бисёр дар ҷиҳатҳои мухталифи якдигар ҳаракат мекунанд, дар ҳам тадохул пайдо мекунанд ва бо ҳам бархӯрд меёбанд» [2, с.204]. Сокинони Бадахшон, ки таърихан мансуби миллати тоҷик астанд, муҳофизи бисёре аз суннатҳои қадимаи ин миллат мебошанд. Аз ҷумла, суннати мадеҳасароӣ, яке аз он суннатҳои қадима буда, мисли “Фалак”, “Шашмақом”, “Гуруғлӣ” ва амсоли инҳо дар тарбияи ҷомеа иштироки фаъол доштааст. Ин расми қадим як рукни устувор ва пояи мустаҳками бинои маърифатӣ ва этикии ҷомеа буд ва имрӯз ҳам аст ва фардо ҳам дар ҳамин нақш баромад хоҳад кард. Чаро ки мардум ба суннатҳое, ки дорои арзишҳои миллӣ ва ахлоқӣ ҳастанд, дар тӯли рӯзгорашон эҳтиёҷманд буданд ва имрӯз ҳам онҳоро гиромӣ медоранд.

Бояд таъкид кард, ки дар даврaҳои мухталиф суннатҳо ҳатман коҳиш меёбанд, дар тӯли асрҳо ва аз наслҳо ба наслҳо ба тағйирот дучор мешаванд. Бо мурури замон чизе аз онҳо коста мешавад, чизи дигаре зам мегардад ва ё дар онҳо сифату шаклу мазмун табдил мешавад. Фикри ин ҷониб бар он аст, ки суннатҳои эътиқодӣ - мазҳабӣ аз решаҳои таърихии худ чудонопазир ва ногусастаниаанд, маҳз ба хотири решаҳои эътиқодиву маърифатии таърихиашон онҳо чун суннатҳои асосӣ пойдор мондаанд ва хоҳанд монд.

Дар гузашта дар мавриди мадҳиясароӣ дар Бадахшон, ки дар миёни мардум бештар ба номи маддо дар он ёд мешавад, олимон тадқиқоте анҷом медоданд. Масалан, Низом Нурҷонов ҳанӯзсоли 1959 ба таҳқиқоти мусиқии мардумони кӯҳистони Бадахшон оғоз кард ва пажӯҳишро дар мавриди маддо дар китоби “Мусиқии мардуми Помир” нашр намуд.

Дар иртибот бо маъсалаи фавқ муҳаққиқ Назархудо Дастамбуев таъкид мекунад, ки дар миёни ин фарҳангҳо, пайравони тариқаи исмоилия бо таърих ва мероси маънавию моддии кунунӣ ва гузаштаи худ мақоми вижае доранд ва бо доштани мушаххасоте, чун таҳаммулгароӣ ва гуногунандешӣ метавонанд ба таври муваффақ ба раванди ҷаҳонишавӣ мутобиқ гарданд [1, с.91]. Дар тақвияти гуфтаҳои зикргардида роҷеъ ба мавқеи мадҳия дар ҳаёти маънавӣ ва ахлоқии мардуми Бадахшон ва иртиботи он бо адабиёти классикии форсии тоҷикӣ чанд мулоҳизаро баён менамоем, то мавқеи ин зумра суннатҳоро дар раванди ҷаҳонишавӣ муайян карда тавонем.

Мадҳия, ки чун асари силсилавӣ ва яке аз жанрҳои бузургҳаҷм дар шакли созию овозӣ дар байни тоҷикони Бадахшон густариш ёфтааст, аз падидаи нодир дар мусиқии суннатии қадими ин мардум маҳсуб меёбад. То имрӯз, дар баробари фалаку лалаик, даргилику булбулик, то андозае дафсоз ва дигар навъу намудҳои суруд, мадҳия мавқеашро дар ҳаёти маънавӣ ва фарҳанги мардум нигоҳ дошта меояд.

Мадҳиясароӣ, аслан, дар нишасти шабҳои ҷумъа, истиқболу таҷлили ягон ҳодисаи муҳими ахлоқӣ - эътиқодӣ, маҳфилҳои ифтитоҳи ҷойҳои муқаддас, ба ҷо овардани ёдбуди гузаштагон ва дигар идҳои динию миллӣ расм аст. Махсусан, ин суннати қадимии мардумӣ ба маросими мотами аҳли исмоилияи Бадахшон иртиботи қавӣ пайдо намуда, сароидани он дар хонаи азодор аз ибтидои фавти шахс то шаби сеюм (алҳол шаби дуюм) то ба ҷо овардани оини махсус бо истилоҳи “sirowpathed” - “чароғравшанкунӣ” субҳи шабе, ки гӯё рӯҳи марҳум аз хона берун шуда ба малакут мепайвандад, идома меёбад [3, с.163-178; 6, с. 58-78; 12, с.605-610; 13, с.141-162;14, с.585-591].

Таҳлили ин расму суннат суолеро ба миён меорад, ки иҷрои он барои пешрафти ҷомеъаи маданӣ чи манфиат дода метавонад? Барои посух додан ба ин суол, пеш аз ҳама, гуфтан ба

маврид аст, ки шеър ва мусиқӣ аз ибтидои зуҳури худ бо ҳам тавъам гаштаанд ва дар ҳар давру замон ба ҳам иртиботи ногусастанӣ доштаанд. Ҳар дуи инҳо барои беҳбудии ҳаёти маънавии инсон ато гардидаанд, то ки инсон аз як ҷиҳат, агар дар ботинаш ба воситаи онҳо ҳисси покӣ, меҳру садоқат ба муҳит, ҳаётдустӣ, хештаншиносӣ, беғашии қалб пайдо намояд, аз сӯи дигар, на фақат дар зиндагӣ мавқеи худро жарфтар ва волотар дарк месозад, балки он нерӯро тараннум ва васф кунад, ки ӯро офарида ва халқ кардааст. Он ҷо, ки мадҳиясарой аст, мардум дар он ҷо ширкат мекунад, бо рӯҳбаландӣ онро гӯш мекунад ва муҳим аз ҳама, як масъулияте, яъне итоат ва пайравӣ аз имон, ки мутобиқ ба ҳар давру замон чун фалсафаи динӣ дар тафаккури исмоилия маҳсуб мешавад, бо самимият эҳсос мекунад. Аз ин лиҳоз, мадҳиясарой хусусиятҳое дорад, ки онҳо барои пешрафти ахлоқии ҷомеъа дар замони муосир таъсири мусбат мерасонанд. Дар ин таъсир нақши шеъри класикии форсии тоҷикӣ хеле назаррас ва таъсирбахш аст.

Мадҳиясарой на фақат хондану навохтан аст, балки он як суннате аст, ки аз як ҷиҳат, агар бо ашъори ахлоқии худ ашхоси аламзадаро тасалло бахшад, аз ҷиҳати дигар дилгармии онҳоро нисбат ба зиндагӣ афзоиш медиҳад. Сониян, он на фақат авлод, ҷомеа, балки инсонҳои новобаста аз нажодро низ ба ҳам наздик мекунад. Дар вуҷуди онҳо ба ивази мағрурӣ, сабру таҳаммулро нисбати ҳамдигар фароҳам месозад. Барои тақвияти ин фикр як ғазали андарзии Носири Хусрави Қубодиёнӣ (1004 -1088), ки аз ҷониби мадҳиясароёни водии Ғунд (яке аз водиҳои н. Шуғнон) дар мақоми ситоиш дар шаби маърифат сароида мешавад, мавриди таваҷҷӯҳ қарор медиҳем. Дар он мутафаккир Носири Хусрав ҳамаи одамонро шоху барги як дарахти тануманд ва ниҳоли шинондаи Худованд шуморида, ҳама гуна зулму тааддӣ дар ҳаққи онҳоро чун кори хилофи амру наҳйи Худо медонад. Байте аз он шеър:

***Халқ ҳама яксара ниҳоли Худоянд,***
***Ҳеҷ на баркан ту з – ин ниҳолу на бишкан*** *[11, с.16].*

Ё ғазали шоири Афғон Шоиқ, ки дар водии Вахон онро қасидахони номии деҳаи Ямги ноҳияи Ишкошим Қурбонбеков Маҳмадбек месарояд, чунин мазмуни муассир дорад:

***Одамиро давлате болотар аз инсоф нест,***
***Ҳар ки беинсоф бошад лоиқи авсоф нест.***
***Марди беинсоф дар чашми хирад бошад забун,***
***Мешавад аз қиматаш кам гар тиллои соф нест.***
***Мешиносад аҳли дониш ростиро аз дурӯғ,***
***Гар надонад фарқи софу қалбро сарроф нест.***
***Гавҳари умри гиромиро макун беҳуда сарф,***
***Давлати ҷуду сахо аз олами исроф нест*** *[9, с.119].*

Мадҳиясарой эътиқодро нисбати офаридгор зиёд мекунад, зеро бидуни боварӣ, ки унсури муҳими зиндагӣ аст, ҳамкорию иттиҳод ғайриимкон аст.

Таҳаммул ва эҳтиром аз паҳлӯҳое аст, ки ашъори мадҳиявӣ тараннум мекунад. Мо бояд кулли эътиқоди мардум ва эътиқоди кулли мардумро ҳурмат намоем, вале ин ба он маъно нест, ки аз ақидаи худамон дар канор бошем, балки бо ақли кунҷков ва ҷустуҷӯгар ҳувияти худамонро низ эътироф карда тавонем. Дар матнҳои зиёде, ки аз ҷониби мадҳиясароёни навоҳии Бадахшон сароида мешаванд ваҳдонияти мардумон ба чашм мерасад. Яке аз онҳо, ки ба сифати мадҳия дар барномаи Саидназаров Султонназар мақом дошта, дар ҳузури меҳмон сароида мешавад, боз ҳам аз Ҳаким Носири Хусрав буда, ӯ олами инсониро аз як гавҳар мешуморад. Ӯ таъкид мекунад, ки офаридагор барои ҳамагон парастор буда, якнавохт тибқи аъмол мукофот медиҳад. Аз ин рӯ писарро хотирнишон менамояд, ки мардумӣ меваи донишмандиву хиридмандист:

***Аз мардумӣ ба сурати ҷисмӣ макун писанд,***
***Мардум бад – он нaӣ, ки ту хубу муҷассамӣ.***
***Мардум ба дониши ту, чу доно шавӣ, равост,***
***Гар ҳиндуӣ ба ҷисм ва ё турку дайламӣ,***
***Номи накӯ гузин, ки бад - он чун бихонамат,***
***Дар ҷон - т шодӣ ояду дар дил- т хуррамӣ.***
***Ҳотам миёни мо ба саховат самар шудааст,***
***Ҳотам туӣ, агар ба саховат чу Ҳотамӣ*** *[4, с.214].*

Қобили қайд аст, ки мусиқии рӯҳонӣ қудрати онро дорад, ки мардумонро аз назардиди танги зиддиятҳои тоифавӣ берун оварда, барои эътирофи чандфарҳангӣ заминаеро фароҳам созад. Мусиқии суннатӣ омехта бо сухани фасеҳ бидуни забондонӣ ба нажодҳои мухталиф таъсири

мусбат расонда метавонад. Барои тақвияти ин ақида мо ба саҳифаҳои яке аз бузургтарин китобҳои олами қадим оид ба мусиқӣ, ба асари Абӯ Насри Форобӣ "Китоб-ал-мусиқӣ ал-кабир" муроҷиат мекунем.

Дар боби "Асноф-ал-алҳон ва ғоётаҳа" (маънӣ ва намудҳои оҳангҳо) омадааст, ки оҳангҳо се навъ мешаванд – яке барои тарбияи нафс ("мулазза" - лаззатбахш, роҳат бахшидан, фараҳбахшии рӯҳ ва ғ.), дуввумӣ барои ривоҷи тахаййулот ("мухайяла"), дар тасаввури шунаванда таҷассум кардани ҳолатҳои муайяни зиндагӣ, муҳокии ин ё он амал ва сейумӣ алҳоне, ки аз шунидани онҳо дар ботини шунаванда изтироб ба амал меояд ("инфиолиййа"), гӯё рӯҳ ба ҳаракат меояд ва касро ба фаъолият маҷбур месозад (ҳамон намуди машҳури оҳангҳои "инфиолия") [5, с.62].

Маълум мешавад, дар мазмуни алҳони инфиолия (аз решаи феъли арабии "фаъала" - кор кардан (ҳаракат кардан) мақсади ба изтироб овардану водори ин ё он амалу ҳаракат сохтани шунаванда дар назар дошта шудааст. Худ аз худ маълум аст, ки барои ин гуна оҳангҳоро сохтан ва онҳоро ифода кардан чӣ гуна сатҳи баланди ҳунарӣ, истеъдод ва малакаи олӣ зарур аст. Бо боварии томом метавон гуфт, ки оҳангҳои мадҳия намунаи олии маҳз ҳамин қабил алҳони инфиолия ба шумор меравaнд, ки ба дилҳои мардум новобаста аз нажоду забон дилгармӣ медиҳанд.

Шукр кардан, сабру таҳамул инсонҳоро водор месозад, ки дар зиндагӣ бояд як таъодуле бошад, ки инсон тавасути он чаҳорчуби ахлоқии худро нигоҳ дошта тавонад. Мувозинат дар зиндагӣ дар матнҳои мадҳие, ки аз ҷониби мадҳиясароён иҷро мешаванд ба чашм мерасад. Мадҳиясарои ҷавони деҳаи Емси ноҳияи Рӯшон Давлатқадамов Неккаддам бо танбури аҷдодӣ аз ашъори Носири Хусрав матнҳоеро дар шаби маърифат месарояд, ки мазмун ва муҳтавои онҳо ба таъодули зиндагӣ тавҳам аст. Ба ҳайси мисол:

***Пуркина мабош аз ҳамагон доим чун хор,***
***На низ забун бош ба як бор чу хурмо*** *[11, с.38].*

Тибқи ин панд, инсон бояд на мисли хор бошад, ки танҳо боиси озори халониши ӯ бошад ва на мисли хурмо ширин бошад, ки ҳама кас ӯро хӯранд, балки як мувозинате дошта бошад, ки мавқеи худро дар зиндагӣ муайян карда тавонад.

Ё ки:

***Гар чи муш аз осиё бисёр гирад фоида,***
***Бегумон рӯзе фурӯ кӯбад сари муш осиё*** *[11, с.78].*

Муш агар муддати тӯлонӣ ба ғорати ғалла машғул шавад, рӯзе кирдори ӯ боиси маргаш мегардад. Яъне, инсон агар бо шиддати зиёд ғоратгарӣ ва дуздиро пешаи худ қарор диҳад рӯзе фаро мерасад, ки мукофоти онро бигирад.

Аз мутолиаи осори шоирони мадеҳасаро ва таҳлили он бармеояд, ки яке аз ҳадафҳои муҳими сурудани ашъори ойинӣ баёни таърихи дин, васфи ҳоли бузургони дин, нишон додани роҳи дуруст ба мардум, ташвиқи арзишҳои хуби ахлоқӣ, рафторӣ, кирдорӣ ва бовaрҳои осмонӣ будааст. Ва маҳбубияти ашъори мадҳи эътиқодӣ дар назди мардум низ қабл аз ҳама дар он аст, ки он сомеъони худро ҳадафмандона ба роҳи нек, парҳез аз рафторҳои нораво, дар зиндагӣ ибрат гирифтан аз хулқу атвори бузургони дин, устувории ақида ва эҳтиром гузоштан ба суннатҳои диниро тарғиб менамояд. Пойбандӣ ба усул ва арзишҳои исломӣ ва инсонӣ, устуворӣ дар роҳи ақидаи динӣ, дар мардум парваридани муҳаббат ба аҳли байти Ҳазрати пайғамбар аз ҳадафҳои дигари ин намуди шеъри форсии тоҷикӣ мебошад, ки тавассути оҳангҳои суннатӣ ба самъи мардум расонида мешаванд.

Аз ин лиҳоз мо гуфта метавонем, ки мадҳия яке аз анъанаи пурарзиши мардуми Бадахшон маҳсуб ёфта, то ҳоло ҳам арзиш ва аҳамияти хешро гум накардааст. Ба ақидаи мо, яке аз сабабҳои дарозумрии ин суннат дар он аст, ки муаллифони ин гуна ашъор ба василаи он масоили гуногуни динӣ ва ирфонӣ, ахлоқию фалсафӣ матраҳ карда, ба одоби фардию иҷтимоӣ, ки ба онҳо ба назари эътибор нигаристаанд, ишора намудаанд. Аз ин ҷост, ки ин осор ҷанбаи таълимию тарбиявӣ касб карда, дар тамоми қарнҳо мавриди мутолиаи аҳли адаб ва мардуми босавод қарор гирифт. Ва аз ин роҳ асари хосе дар шууру андешаи одамон гузоштааст ва мегузорад. Дарозумрии мадеҳасароиро ҳамчунин дар ширинии баён, зебоии сухан, равонию содагии баён, вазну қолабҳои шеърии барои мадҳия мувофиқ, дилчаспию дилангезии оҳангҳо ва мазмуни баланди ашъори интихобшуда дидан мумкин аст, ки орифу ом ва пиру ҷавонро ба худ баробар машғул месозад. Албатта, чунин сифату хусусиятро шеъри классикии форсии тоҷикӣ дорад, ки дар мутуни мадҳияи суннати мадҳиясароӣ мавқеи бориз дорад. Маҳз ҳамин

хусусиятҳои мадеҳа боис гардидааст, ки шоирон дар пайравӣ аз гузаштагони худ шеърҳои навро барои ин навъи созу наво эҷод намоянд, офарандагони оҳангҳои мусиқӣ оҳангҳои нав офаранд, сарояндаҳо ҳунари сарояндагии худро пайваста такмил диҳанд.

Дар хотима қайд кардан ба маврид аст, ки мадҳиясароӣ ғубори дилҳоро мезудояду ба вуҷуди инсон тозагӣ мебахшад, ӯро водор месозад, ки домани илму ҳунару адаб гирад ва он чӣ ки ризои офаридгор аст, онро қалбан ба иҷро расонад. Барои тақвияти ин хулоса як мадҳи дигари маъмул, ки матнаш ба Шамси Табрезӣ мансуб аст ва онро яке аз мадҳиясароёни беҳтарини водии Шоҳдара Муалибшоев Мамадалӣ иҷро мекунад ва ба қавли худаш, ҳангоми иҷрои он мағзи сари сароянда дар косахонаи сар ва қалбаш даруни сина рақс мекунанд, оварда мешавад. Ду байти ғазал ин аст:

***Домани илму адаб гир, ки дар роҳи яқин,***
***Ба сари ганҷи қаноат чу нигаҳбон адаб аст.***
***Сар макаш аз хатти фармони нигаҳбони адаб,***
***З-онк мақсуди Худованд зи имон адаб аст*** *[10, с.8].*

Ҳамин тариқ, суннати мадҳиясароӣ дар тӯли таърих хешро чун манбаи тарбияи ахлоқӣ муаррифӣ намуда, пайдо гардидани мавқеи хоссаи он дар миёни дигар суннатҳову маросим ба чанд сабаб вобастагӣ дорад. Истифодаи фаровон аз ашъори мадҳии эътиқодӣ ва тарбиявии шеъри классикии форсу тоҷик яке аз ин сабабҳо ба шумор меояд ва он ба пажӯҳиши бештар ниёз дорад.

**ПАЙНАВИШТ:**


1. Дастамбуев, Н. Фалсафаи иҷтимоии исмоилияи муосир: Масоили марбута ва ҳалли онҳо / Н. Дастамбуев. – Душанбе: Душанбе-Принт 2020. – 123 с.
2. Исмоил, Азиз.Дебоча/Суннатҳои ақлонӣ дар Ислом/А.Исмоил.-Душанбе:Нодир,2003.–С . 17.
3. Мирҳасанов, Г. Чароғравшан – ҳамчун суннати исломӣ / Г. Мирҳасанов / Масъалаҳои помиршиносӣ. Барориши 5. – Душанбе: Дониш, 2003. - С. 163-178.
4. Назриев, Ҷ., Девонақулов, А. Панди падар-хирмани зар / Назариев Ҷурабек, Девонақулов Алиқул / Носири Хусрав Дирӯз, имрӯз, фардо. – Хуҷанд, 2005.- С. 206-220.
5. Низомов, А. Таърих ва назарияи Шашмақом / Низомов А. – Душанбе: Ирфон, 2003. – 650 с.
6. Охониёзов, В. Д. Масоиле чанд марбут ба суннати чароғравшанкунӣ / В. Д. Охониёзов / «Мероси Аҷам». Барориши 1. – Душанбе, 2010. – С. 58-78.
7. Охониёзов, В.Д. Суннати мадҳиясароӣ: Мафҳум, тарзи иҷро ва баракати он / В.Д. Охониёзов // Пайванд, №.3 – Душанбе, 2018. – С. 37-45.
8. Определение гражданского общества. Проект Ага Хана «Человековедение». – Душанбе, 2000. – 450 с.
9. Таваккалов, Ҳ., Мамадшерзодшоев, У. Рубоби помирӣ дар оинаи таърих ва ривоёт / Ҳ. Таваккалов. У. Мамадшерзодшоев. – Душанбе: Паёми ошно, 2019. – 199 с.
10. Таваккалов, Ҳ. Чанд мулоҳиза перомуни мадҳия / Ҳ. Таваккалов / Паёми донишгоҳи Хоруғ, бахши 2 (илмҳои гуманитарӣ). – Хоруғ, 1999, №1. – С. 72-77.
11. Хусрав, Носир. Девони ашъор / Носири Хусрав, куллиёт, ҷ.1. – Душанбе, 2003. – 639 с.
12. Ҳоҷибеков Э. Роҷеъ ба як суннати мазҳабии мардуми Бадахшон / Ҳоҷибеков. Э. / Носири Хусрав: дирӯз, имрӯз, фардо. – Хуҷанд, 2005. – С. 605-610.
13. Шохуморов, А. Чароғравшанкунӣ - суннати ориёиву исмоилии мардуми Бадахшон / А. Шохуморов / Масъалаҳои помиршиносӣ. Барориши 5. – Душанбе: Дониш, 2003. – С. 141-162.
14. Шоҳзодамуҳамадов У. «Чароғравшанкунӣ» - оини исломии исмоилиёни Осиёи Марказӣ / У. Шоҳзодамуҳамадов / Носири Хусрав: дирӯз, имрӯз, фардо. – Хуҷанд, 2005. - С. 585-591.


**REFERENCES:**


1. Dastambuev, N. Modern Ismaili Social Philosophy: Related Issues and Their Solutions / N. Dastambuev. – Dushanbe: Dushanbe-Print, 2020. – 123 p.
2. Ismail, A. Introduction. The intellectual tradition in Islam / A. Ismoil – Dushanbe, 2003. – P. 17.
3. Mirhasanov, G. Charogravshan - as an Islamic tradition / G. Mirhasanov / Themes of studies of Pamir. Edition 5. – Dushanbe: Donish, 2003. - P.163-177.
4. Nazriev, J., Devonakulov, A. The father's advice is the heap of gold. / Nazariev Jurabek, Devonakulov Alikul. / Nosiri Khusraw Yesterday, today, tomorrow. - Khujand, 2005. - P. 206-220.
5. Nizomov, A. The History and theory of Shashmaqom / A. Nizomov. – Dushanbe: Cognition, 2003. – 650 p.

6. Okhoniyozov, V.D. Some issues in regard to the Charagh tradition / V.D. Okhoniyozov / “Merosi Ajam”/. Vol. 2. – Dushanbe, 2010. – P.58-78.
7. Okhoniyozov, V.D. Madhiya tradition: meaning, performance and its blessing / V.D. Okhoniyozov / Payvand. Vol. 2018…
8. Definition of civil society / Aga Khan Project "Human Science." – Dushanbe, 2000. – P. 450.
9. Tavakkalov, H., Mamadsherzodshoev, U. Pamiri rubab in the mirror of history and legends / H. Tavakkalov, U. Mamadsherzodshoev. – Dushanbe: Payomi oshno. – 2019. – P. 199.
10. Tavakkalov, H. Some thoughts on the Madhiya / H. Tavakkalov / Bulletin of Khorugh University, Section 2 (humanities sciences ). – Khorugh, 1999, №1. – P.72-77.
11. Khusrav, Nosiri. Collection of poems / Nosiri Khusrav, V.1. – Dushanbe, 2003. – P. 639.
12. Hojibekov, E. Regarding a religious tradition of the people of Badakhshan / E. Hojibekov / Nosiri Khusrav: yesterday, today, tomorrow. – Khujand: Nodir, 2005. – P.605-610.
13. Shokhumorov, A. Charoqrawshankuni - Aryan and Ismaili tradition of the people of Badakhshan / A.Shokhumorov/Themes of studies of Pamir. Edition 5.–Dushanbe: Knowledge, 2003. – P.141-162.
14. Shohzodamuhamadov, U. "Charoqrawshankuni" - the Islamic tradition of the Ismailis of Central Asia / U. Shohzodamuhamadov / Nosiri Khusrav: yesterday, today, tomorrow. – Khujand: Nodir, 2005. – P. 585 -591.